Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати ташкили муносиби идоракунии давлатиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ низоми ҳокимияти иҷроия ташаккул ёфта, мақомоти гуногуни идоракунии давлатӣ таъсис дода шуданд. Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ натиҷаи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравper, ки то кунун ташаккули низоми мақомоти мазкур идома дорад.

Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоте мебошанд, ки бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ буда, таъсис додан, таъйин намудани роҳбар ва муовинон, тасдиқи низомнома ва нақшаи идоракунии мақомоти мазкур танҳо ваколати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд. Фаъолияти мақомоти номбурда самтҳои гуногуни фаъолияти маъмурии давлатиро фаро гирифта, дар доираи фаъолияти иҷроиявӣ-амрдиҳии худ функсияҳои назорати давлатӣ, хизматрасонии давлатӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизавӣ, иттилоотӣ-таҳлилӣ ва ғайраро ба амал мебароранд. Дар робита бо ин, вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, аниқтараш мавқеи ва нақши мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, тарзу усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои онҳо муаммоҳо ба вуҷуд меоянд, ки таҳқиқ ва хулосаи амиқи илмиро металабанд. Бо ин назардошт, таҳқиқи масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ мубрам арзёбӣ гардида, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мутобиқат менамояд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия баён гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ ва ташкилии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия – **“Мафҳум, хусусиятҳо ва мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳокимияти иҷроия”** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидаст. Муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои ҳокимияти иҷроия ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро таҳлил намуда, дар заминаи онҳо мафҳум ва нишонаҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод

намудааст. Ба ақидаи муаллиф, “мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини сиёсати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, баамалбарории назорати давлатӣ ва амалисозии хизматрасонии давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти ҳуқуқмуқаррарнамоӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро ба амал бароварда, оид ба натиҷаи фаъолияти худ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд” (саҳ. 53). Бо назардошти мафҳуми мазкур аз ҷониби муаллиф як қатор нишонаҳои мақомоти мазкур пешниҳод гардидаанд, ки дар заминаи онҳо мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян намудан мумкин аст. Мувофиқан, муаллиф пешниҳод намудааст, ки муқаррар намудани низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шакли зерин мувофиқи мақсад мебошад: “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” (саҳ. 78). Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия – **“Ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, асосан ба марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур бахшида шудааст. Муаллиф марҳилаҳои ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба се давраи асосӣ: 1) аз соли 2002 то соли 2006; 2) аз соли 2006 то соли 2013; 3) аз соли 2013 то инҷониб ҷудо намудааст, ки таҳлили марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур дар асоси давраҳои ҷудокардашуда сурат гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки бо мақсади такмил додан ва муқаррар намудани низоми мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, инчунин таъмини фаъолияти самараноки онҳо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2002, №853 қабул гардида буд, ки тавассути санади мазкур бори аввал мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд (саҳ. 80). Бо назардошти он, ки мақомоти мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд ва низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тибқи фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, марҳилаҳои ташаккули мақомоти мақомоти мазкур бо қабули фармонҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, диссертант қайд менамояд, ки "дар давраи аввали қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буд аз: Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ. 81). Айни замон, тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 19 ноябри соли 2013, №12, ки ба марҳилаи ниҳоии ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ оғоз бахшидааст, низоми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз: Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 89-90). Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия **"Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дошта, дар он аҳаммият ва моҳияти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар раванди таҳлили зербоби мазкур муаллиф таснифоти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешкаш намуда (саҳ. 114), ба таснифи мақомоти мазкур вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ диққат дода, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти зикргардаро таҳлил намудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур ба хулоса омадааст, ки "мақомоти номбурда гарчанде бо назардошти хусусият ва самти фаъолият дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муайян ташкил гардидаанд, вале ин қоида ба пуррагӣ амал намекунад, зеро мақомоте, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд ва ё фаъолияти назоратиро амалӣ менамоянд ва мақомоте, ки мақомоти идоракунии давлатӣ буда, функсияҳои байнсоҳавӣ, хизматрасонии давлатӣ ва ҳамоҳангсозиро амалӣ менамояд, дар як шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ташкил кардани онҳо

мувофиқи мақсад ҳисобида намешавад” (саҳ. 124). Дар қисмати охири зербоб муаллиф таклифу пешниҳоди худро вобаста ба ин масъала мазкур намудааст (саҳ. 124-125). Зербоби чоруми боби якуми диссертатсия **“Ташаккул ва рушди танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** номгузорӣ гардида, дар он асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Муаллиф нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд менамояд, ки “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи меъёрии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, аз он қонунҳои дигар ва санадҳои зерқонунӣ сарчашма гирифта, паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти мақомоти мазкурро танзим менамоянд”. Ҳамзамон, вобаста ба ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис додани мақомоти наздипрезидентӣ диққат дода, муаллиф қайд менамояд, ки “агар масъалаи таъсис дода шудани мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, муқоиса намоем, пас маълум мегардад, ки дар моддаи мазкур салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис додани танҳо як мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Дар бораи аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудани дигар мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 69 Конститутсия меъёр муқаррар намегардад. Ба ақидаи мо, нуқтае мавҷуд аст, ки ташкил гардидани мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз он сарчашма гирад. Масалан, банди 29 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд” амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таъсис дода шудани мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мазмуни банди 29 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд” (саҳ. 132-133).

Боби дуюми диссертатсия **“Мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, се зербобро дар бар мегирад. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия

**“Моҳияти вазъи маъмурӣ ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном гирифта, дар он мафҳум ва унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардида, дар он вазифа, мақсад, функсия ва салоҳияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Муаллиф ба таври дақиқ унсурҳои зикргардидаро таҳлил намуда, мафҳум ва моҳияти онҳоро пешкаш намуда, ҷиҳати такмили минбаъдаи онҳо тавсияҳои асосноки худро пешниҳод намудааст (саҳ. 180-181). Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **“Тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** номгузорӣ гардида, дар он муаллиф таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, тарзҳои амалӣ гардидани вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкурро муайян намудааст. Ба ақидаи муаллиф, амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур тавассути усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ (маҳдудсозӣ, маҷбурсозӣ, танзимсозӣ, мушоҳида) ва психологӣ-иҷтимоӣ (фаҳмондадиҳӣ ва ҳавасмандгардонӣ) амалӣ мегарданд (саҳ. 187-193). Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ба **“Самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадааст, ки такмили минбаъдаи он бояд самтҳои зеринро фаро гиранд: 1) такмили асосҳои ҳуқуқӣ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Такмили мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти идоракунии давлатии (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) Такмили шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) Такмили сохтории мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф як катор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузоштaшуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти

диссертатсионии Изатуллозода П.Н. нахустин таҳқиқоти мукаммал ва алоҳидаи диссертатсионӣ мебошад, ки ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи баррасишавандаро дар бар гирифта, аҳаммияти он барои илми ҳуқуқи маъмурӣ ва рушди фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Диссертант вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо тавассути нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда диссертант аз адабиёти илмӣ, қонунгузории ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида фарогирӣ паҳлуҳои назарӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда буда, вазифа ва мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсиониро таҷассум менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Зикр намудан ба маврид аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дуранамо ва самтҳои такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад, зеро масъалаҳои дар он баррасигардида ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодгардида барои такмили қонунгузорӣ ва рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ метавонанд мусоидат намоянд. Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои пажуҳишгарон ва муҳаққиқони соҳа бармад намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки ниҳоди мақомоти наздипрезидентӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ дақиқ омӯхта шуда, дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва таълими он дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ метавон ба роҳ монд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 12 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Диссертант дар пешниҳоди чоруми назариявӣ, ки ба ҳимоя пешниҳодгардида таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешкаш намудааст. Дар банди “б”-и таснифот муқаррар гардидааст, ки “вобаста ба эътибори ҳуқуқии қарорҳои қабулнамуда (мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ доранд (кумита ва агентиҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ надоранд (Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон)”. Вобаста ба ин, мехостем аз диссертант шунида бошем, ки Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои чӣ функсияи ҳуқуқэҷодкуниро амалӣ наменамояд?

2. Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм қайд менамояд, ки “бо назардошти самти фаъолият ва мақсад мақомоти мазкур ваколатҳои юрисдиксионӣ дошта, тибқи қонунгузории мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои муайяни ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доранд. Вале Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои расонидани хизматрасонии давлатӣ ва ба амал баровардани назорати давлатӣ ваколатдор гардидааст, дар сурати ошкор намудани

ҳуқуқвайрокунӣ бевосита ҳуқуқи баррасӣ кардани парванда ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани ҳуқуқвайронкунандагонро надорад. Бо ин мақсад, ба ақидаи мо, ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ваколатҳои юрисдиксионӣ ҷиҳати баррасӣ ва ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани ҳуқуқвайронкунандагон дар соҳаи фаъолияти он зарур мебошад" (саҳ. 198-199). Аз диссертант пурсида мешавад, ки такмили салоҳияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чӣ паёмадҳоро метавонад ба бор орад?

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле мураккаб ва баҳснок буда, муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримов Ҳ.М.

Имзои Ҳ.М. Каримовро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДМИТ Шарипов У.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14: тел: (+992) 231-08-43. E-mail: http://tgfeu/tj; tgfeu@tgfeu.tj

«27» 03 2023 с.